Замимаи 23
Бо фармоиши Сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
аз «15» « 10» соли 2020, №25
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии мудири бахши баҳисобгирии муҳосибавӣ ва банақшагирии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб- мудири бахши баҳисобгирии муҳосибавӣ ва банақшагирии  Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи чорум мансуб аст.

3.Мудири бахши баҳисобгирии муҳосибавӣ ва банақшагирии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд-мудири бахш) аз тарафи Сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд-Сардори Хадамот) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба Сардори Хадамот тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Ба мудири бахш мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирии муҳосибавӣ ва банақшагирии  тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

6.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мудири бахш иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари бахш ва ҳангоми муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари бахш иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мудири бахш вогузор карда мешавад.

7.Мудири бахш бо роҳбарон ва кормандони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва маҳаллии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд-Хадамот), раёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, шуъбаи аудити дохилӣ ва шуъбаи идоракунии корҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатии дахлдор, дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

8.Барои ишғолкунандаи мансаби мудири бахш талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад (ба таҳсилоти олии иқтисодӣ, муҳосибӣ, молиявӣ бартарӣ дода мешавад);

-3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мудири бахшро ба танзим медароранд;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии мудири бахш

9.Роҳбарии умумии бахш ва назорати фаъолияти кормандони бахшро анҷом медиҳад, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои кории ба фаъолияти бахш дахлдоштаро ташкил, таъмин ва назорат менамояд.

10.Нақшаҳои кории бахшро таҳия ва тасдиқ, нақшаҳои кории мутахассиси пешбари бахшро тасдиқ мекунад, ба нақшаҳои кории Хадамот таклиф пешниҳод менамояд.

11.Оид ба натиҷаҳои фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи бахш ва ҳангоми баҳогузории фаъолияти худ дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд, ҷаласаҳои ҷамъбасти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи фаъолияти бахш, дигар ҷаласаҳои машваратӣ ва чорабиниҳои ба фаъолияти бахш дахлдоштаро ташкил мекунад ва мегузаронад.

12.Интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии Хадамотро риоя намуда, барои ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони бахш ба Сардори Хадамот таклиф пешниҳод менамояд.

13.Масъули ҳифзи сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда дар бахш буда, барои ошкор нагардидани онҳо тадбирҳо меандешад.

14.Дастурамалҳои мансабии кормандони бахшро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд, дар ҳолати зарурат барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо таклиф пешниҳод менамояд.

15.Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони бахшро барои мувофиқа ба бахши кадрҳо ва корҳои махсус ва шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, ташкаилӣ ва назорат пешниҳод менамояд.

16.Лоиҳаи фармоишҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро таҳия ва пешниҳод, лоиҳаи фармоишҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Хадамот,дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳодкардашударо мустақилона ё дар якҷоягӣ бо мутахассиси пешбари бахш баррасӣ намуда, хулосаи бахш ва/ё Хадамотро омода менамояд.

17.Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо мутахассиси пешбари бахш таҳия ва пешниҳод, лоиҳаҳои тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Хадамотро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо мутахассиси пешбари бахш баррасӣ намуда, хулосаи бахшро омода менамояд.

18. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ, муҳосибӣ, бонкӣ, оморӣ, қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳо, пулӣ, ведомосту ордерҳои даромадию хароҷотии маблағи ба Хадамот тааллуқ дошта имзо мегузорад.

19. Иҷрои сифатнок ва саривақтии супоришҳои роҳбарияти Хадамотро таъмин менамояд. Ҳангоми аз тарафи дигар сохторҳои Хадамот омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва дигар маводҳо оид ба масъалаҳои ба салоҳияти бахш таалуқдошта иштирок менамояд.

20.Бо тартиби муқarrаргардида дар вазорату идораҳои дахлдор ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои ба салоҳияти бахш ва масъалаҳои молиявии ба Хадамот дахлдошта,намояндагӣ менамояд.

21.Оид ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳавасмандии моддӣ ва маънавии онҳо, ҳамчунин оид ба андешидани чораҳои интизомӣ нисбати кормандони бахш, ки интизоми меҳнатӣ ва истеҳсолиро риоя накардаанд,ба роҳбарияти Хадамот таклифҳо пешниҳод менамояд.

22.Оид ба беҳтаргардонии тарз ва равиши кории бахш, мустаҳкам намудани интизоми иҷро, баланд бардоштани маҳорати тахассусии кормандон, чораҳо меандешад.

23. Таҳлил ва ҳисоб намудани ҳисоботҳои материалии дастгоҳи марказӣ, шуъбаи Хадамот дар шаҳри Душанбе ва бахшҳои Хадамот дар минтақаҳои Ҳисор, Ваҳдат ва Рашт.

24.Гузаронидани таҳлили фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ дар дастгоҳи марказӣ, шуъбаи Хадамот дар шаҳри Душанбе ва бахшҳои Хадамот дар минтақаҳои Ҳисор, Ваҳдат ва Рашт ҳар семоҳа, шашмоҳа, нӯҳмоҳа ва солона инчунин таъмин ва назоратӣ мақсаднок истифода гардидани маблаҳои буҷетӣ.

25.Лоиҳаи фармоишҳои Сардори Хадамотро оид ба масъалаҳои ҳайати шахсӣ таҳия, мувофиқа ва барои имзо ба Сардори Хадамот пешниҳод менамояд.

26.Муроҷиаткунандагонро шахсан қабул намуда, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба самтҳои фаъолияти бахш баррасӣ ва натиҷаи онро пешниҳод менамояд.

27.Ҷиҳати пешгирии коррупсия тадбирҳои зерин меандешад:

-ба фаъолияти кормандони бахш барои пешгирӣ ва содир накардани амалҳои коррупсионӣ назорат менамояд;

-татбиқи меъёрҳои рафтори хизматчиёни давлатиро, ки бо Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, таъмин менамояд;

-бо комиссия оид ба одоби Хадамот ҳамкорӣ мекунад ва ҷиҳати таҳияи меъёрҳои одоби хизматчиёни давлатӣ пешниҳод манзур менамояд;

-оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар бахш ва Хадамот таклиф пешниҳод менамояд;

-дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбарияти Хадамот ва/ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва ҳамкорӣ менамояд.

28.Тибқи тартиб ва дар муҳлатҳои муқарраршуда баҳодиҳии фаъолияти мутахассиси пешбари бахшро гузаронида, варақаи баҳодиҳиро хонапурӣ ва пешниҳод менамояд.

29.Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Хадамот ва мақомоти давлатии дахлдор (дар мувофиқа ва бо тартиби муқарраргардида) иштирок ва уҳдадориҳои супоридашударо иҷро менамояд.

30.Дар ҷаласаҳои машваратии назди Сардори Хадамот иштирок менамояд.

31.Ҳамкории бахшро бо масъули кори сомонаи Хадамот ташкил намуда, инъикоси фаъолияти бахшро вобаста ба масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ, расонидани кӯмакӣ моддию техникӣ дар сомонаи Хадамот тибқи тартиби муқарраргардида таъмин менамояд.

32.Дар тарғиби масъалаҳои муҳосибӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад.

33.Дигар дастурҳои Сардори Хадамотро иҷро менамояд.

**4.Ҳуқуқҳои мудири бахш**

34.Мудири бахш ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти бахш дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

-самтҳои фаъолияти бахшро таҳлил, оид ба такмили фаъолияти бахш, Хадамот ва бартараф намудани камбудиҳо таклиф пешниҳод намояд;

-маводҳо ва маълумоти дар ихтиёри Хадамот қарордоштаро омӯзад ва тибқи тартиби муқарраргардида истифода намояд;

-иҷрои масъалаҳои таҳти назорати Хадамот ва бахш қарордоштаро бо тартиби муқарраргардида аз воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллӣ талаб намояд;

-аз воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллӣ маълумот маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

- дар санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликият ҷиҳати таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тибқи тартиби муқарраргардида иштирок, аз натиҷаи санҷишҳо барои бартараф намудани камбудиҳои

фаъолияти субъектҳои хоҷагидор санади санҷишӣ, амрномаи Хадамот ва дигар асноди дахлдорро омода ва пешниҳод намояд;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

35.Мудири бахш ба дастурҳое, ки ба мутахассиси пешбари бахш медиҳад, ҳуҷҷатҳо, санадҳо, лоиҳаи фармоишҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои имзо ба роҳбарияти Хадамот пешниҳод карда мешаванд, ҳуқуқи имзо карданро доро мебошад.

36.Мудири бахш дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти мудири бахш

37.Мудири бахш дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои бахш ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар Дастурамали мансабии мазкур ва "Дастурамали намунавии мансабии сармуҳосиб", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2015, №359 пешбинӣ шудаанд;

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

-барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

38.Мудири бахш барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда ва дигар ҳолатҳои дар Дастурамали мансабии мазкур нишондодашуда тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6.Муқарраротi хотимавӣ

39.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ бо гирифтани имзо ба мудири бахш супорида мешавад.

40.Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии бахш ва/ё Хадамот ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мудири бахш мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.